Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (Дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

Масъалаи иҷтимоишавии донишҷӯён аз мураккабтарин масъалаҳои илмҳои педагогӣ ба шумор меравад. Зеро ин раванд танҳо бо ҷараёни таълим маҳдуд намешавад; он бо сохторҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва арзишии ҷомеа дар робитаи мустақим қарор дорад. Аз ҳамин ҷост, ки интихоби асоси методологӣ дар таҳқиқи чунин масъала аҳамияти ҳалкунанда касб мекунад.

Иҷтимоишавии шахс ҳамчун навъи фаъолияти инсон дорои хусусиятҳои муайянест, ки дараҷаи самаранокии он маҳз тавассути ҳамин ҷанбаҳо муайян карда мешавад. Баррасии ин раванд аз чанд самти муҳим имкон медиҳад, ки моҳияти иҷтимоишавӣ дақиқтар дарк гардад.

Бояд қайд кард, ки иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ яке аз масъалаҳои муҳимест, ки таваҷҷуҳи олимон, методистон, омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимиро ба худ ҷалб мекунад. Пешравии таълим, таҷҳизоти назариявӣ ва татбиқи амалии ин масъала ба хусусиятҳои муассисаи таълимӣ, ба мавқеи фанҳои таълимӣ, ҳайати омӯзгорон ва дигар ҳолатҳо таъсири муҳим мегузоранд. Принсипҳои таълим ва фаъолияти маърифати донишҷӯён дар заминаи корҳои таҷрибавӣ ва хулосаҳои назариявӣ беҳамто будани принсипҳои таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар муқоиса бо принсипҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳанд.

Вобаста ба ин донишгоҳҳо, ҳамчун ниҳодҳои иҷтимоӣ, вазифадоранд мутахассисонеро тайёр намоянд, ки дар бозори меҳнат рақобатпазир бошанд ва ба эҳтиёҷоти иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон ҷавобгӯ бошанд. Ин вазифа танҳо дар сурате амалӣ мешавад, ки равандҳои таълимӣ мазмуни иҷтимоии амиқ дошта бошанд, усулҳои гуногуни таълим истифода шаванд ва муҳити омӯхт бар пояи эътимод ва ташаккули шахсият созмон ёбад.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (Дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» масъалаҳои муҳими дар шароити муосир маҳсуб меёбад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои мухталифи иҷтимоишавии наврасону ҷавонон ва баланд бардоштани маърифати онҳо дар

таҳқиқоти олимони машҳур ба монанди М. Лутфуллозода, Х. Раҳимзода, Қ. Б. Қодиров, Л. М. Иматзода, Б. Раҳимов, Х. Буйдоқов, Б. Маҷидова, О. А. Исломов, Х. Зиёӣ, Ф. Шарифзода, И. Давлатшоев, Ф. Гулмадов, С. Ш. Туронов, Ш.П. Котибова, С. Н. Алиев, С. Муҳитдинова, А. Нуров, С. Олимов, А. Раззоқов, М. В. Саидов, Э. Ҷонмирзоев, А. Ҳамроқулов, С. Холназаров, Д. Шарипова, Н. С. Собирова, Р. Ҳ. Неъматов ва дигарон мавриди назар қарор гирифтаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқот **навоварии илмии** зерин амалӣ гардиданд: - заминаҳои назариявии равандҳои иҷтимоишавии донишҷӯён баррасӣ ва таҳлил гардида, асосҳои методологии он муайян шудаанд; - дар доираи таҳқиқ, мафҳуми "иҷтимоишавӣ" бозшиносӣ шуда, моҳияти иҷтимоишавии донишҷӯён дар омодагии онҳо барои амалигардонии нақшҳои иҷтимоӣ ифода ёфтааст; - мақсад ва мухтавои раванд ҳамчун ташаккули шахсияти иҷтимоишудаи донишҷӯ тафсир ёфтааст; -принсипҳои ташкили ҷараёни иҷтимоишавӣ таҳия ва асоснок гардиданд. Инчунин, дар натиҷаи таҳқиқ, амсилаи назариявию амалии иҷтимоишавии донишҷӯён таҳия гардидаст, ки метавонад ҳамчун воситаи методологӣ барои арзёбӣ ва такмили фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода шавад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот:** мафҳуми иҷтимоишавии донишҷӯён воситаҳои фаъолсозии таълимии донишҷӯён равшан карда шуда, таснифоти субъектҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар раванди таълим дар заминаҳои гуногун истифода мешаванд, таҳия карда шудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар имконияти истифодаи натиҷаҳои бадастомада ҷиҳати такмили кори таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳияи курсҳои таълимӣ, барномаҳои фаъолияти беруназаудиторӣ, инчунин дар фаъолияти кураторони гурӯҳҳои академӣ ва кормандони педагогӣ ифода меёбад. Тавсияҳои методологии таҳияшуда, такмили ҷараёни таълимро дар иҷтимоишавӣ ва баланд бардоштани сатҳи сифати корҳои таълимии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъмин менамоянд.

Рисола аз муқаддима, се боб, зербобҳо, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи умумӣ ва феҳристи адабиёти мавриди таҳқиқ иборатаст.

**Дар боби якуми рисола**, ки "Асосҳои назариявии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ" масъалаҳои иҷтимоишавии шахсият ҳамчун масъалаи педагогӣ, мақоми муассисаҳои олии касбӣ дар иҷтимоишавии шахсияти донишҷӯён, асосҳои назариявии муайян кардани дараҷаи иҷтимоишавии донишҷӯён баррасӣ шудааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки асъалаи иҷтимоишавии донишҷӯён аз мураккабтарин масъалаҳои илмҳои педагогӣ ба шумор меравад. Зеро ин раванд танҳо бо ҷараёни таълим маҳдуд намешавад; он бо сохторҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва арзишии ҷомеа дар робитаи мустақим қарор

дорад. Аз ҳамин ҷост, ки интихоби асоси методологӣ дар таҳқиқи чунин масъала аҳамияти ҳалкунанда касб мекунад.

**Дар боби дуюми рисола** "Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ" масъалаҳои методикаи майянсозии дараҷаи иҷтимоишавии донишчуён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳияи амсилаи иҷтимоии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ба андешаи муҳаққиқ раванди муосири муайянсозии дараҷаи иҷтимоишавии донишҷӯён бо шиддати минбаъдаи ихтилофот байни ҳаҷми босуръат афзояндаи раванди иҷтимоишавӣ ва вақти нисбатан доимӣ, ки барои аз худ кардани он ҷудо карда мешавад, тавсиф меёбад. Якбора шиддат ёфтани ин зиддият, ки ба мушоҳида расид, такони ҷустуҷӯйи роҳҳои нави ҳалли он гардид ва гарчанде ки таҳқиқот дар ин самт комилан ба итмом нарасидааст, ҳоло бо итминон метавон гуфт, ки ҳалли ин мушкилот бештар ба шиддатёбии минбаъдаи ҷараёни иҷтимоишавӣ вобаста аст.

**Дар боби сеюми рисола** "Таҳқиқу озмоиши шароитҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ" андешаҳои муаллиф оид ба масъалаҳои хусусиятҳои иҷтимоишавии фаъолияти таълимию маърифатии донишҷӯён, таҳқиқ ва озмоиши таълимии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баён шудааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки иҷтимоишавӣ танҳо раванд ё мавзуи илмӣ набуда, балки воситаи муассири рушди шахсияти донишҷӯ мебошад. Масъалаҳои маърифатие, ки иштирокчиён дар ҷараёни омӯзиш ҳал мекунанд, ба инкишофи шуури иҷтимоӣ ва фаъолияти амалӣ робитаи мустақим доранд.

**Эродҳо ба кори илмӣ**

Бо баробари арзёбӣ намудани дастовардҳои илмии таҳқиқоти мазкур, дар автореферат як қатор камбудиҳо роҳ дода шудаанд, ки баҳисобгирӣ ва бартарафсозии онҳо зарур мебошад:

1. Хуб мешуд, агар муаллиф дар кори илмию таҳқиқотӣ бештар ба таҳқиқоти олимони тоҷик таваҷҷуҳ мекард.
2. Дар рисола баъзан терминҳои забони русӣ истифода шудаанд (калимаҳои принсип, модел ва ғ), ки истифодаи гунаи тоҷикии он мувофиқи мақсад мебошад.
3. Дар рисола ғалатҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ мушоҳида мегардад, ислоҳи онҳо зарур мебошад.

Камбудиҳои зикргардида аҳамияти илмӣ ва дараҷаи арзишмандии таҳқиқотро халалдор намекунанд. Бинобар ин, диссертатсия чун кори илмӣ-таҳқиқотии баанҷомрасида ва мустақилона иҷрошуда мебошад ва аз рӯйи сохтору мазмун ба талаботи муқарраршуда мувофиқат менамояд.

Муҳаққиқ ба мақсаду вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда расидааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Фозилзода Шерафган Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои

таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (Дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва таҳрири нави он аз 26.06.2023, №295) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино Юлдошев У.Р.

12.05.2026

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 139, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино. Тел: 985296478.
E-mail: umarjon1958@mail.ru

Имзои У.Р. Юлдошев -ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати рушди кадрии
МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуалӣ ибни Сино" н.и.т. Сафарзода Б.И.